*ТДУ 106*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-255-261*

*МАҚОЛА: ВИЖАГӢ ВА АНВОИ ОН*

***Самадова Дилбар Ҳасановна,*** *н.и.ф., **дотсенти** кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума;* ***Зарипова Шаҳноза Тоҳировна,*** *н.и.ф., сармуаллимаи кафедраи иттилоот ва технологияҳои робитавии МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

*СТАТЬЯ: ОСОБЕННОСТИ И ВИДЫ*

***Самадова Дилбар Хасановна**, к.ф.н., доцент кафедры журналистики и теории перевода;* ***Зарипова Шахноза Тахировна,*** *к.ф.н., старший преподаватель кафедры информационно-коммуникационных технологий ГОУ «ХГУ им. акад. Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

*GENRE OF ARTICLE AND ITS TERMS*

***Samadova Dilbar Hasanovna**, candidate of philological sciences, associate professor of the department of journalism and theory of translation;* ***Zaripova Shahnoza Tahirovna**, candidate of philological sciences, senior lecturer of the department of information and communication technologies of SEI "KSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:****d-samadova@mai.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *мақола, журналистика, мавзӯъ, рӯзнома, маҷалла, муҳаққиқ, жанр, иҷтимоӣ, таҳлил*

*Масъалаи унсурҳои шаклсози жанри таҳлилӣ ва хусусиятҳои мундариҷавии мақола муфассал таҳлил шуда, нақш ва ҷойгоҳи он дар ҳавзаи рӯзноманигорӣ муайян ва мушаххас гардидааст. Маънии истилоҳӣ ва заминаҳои таърихии пайдоиши он мушаххас гардида, андешаҳои муҳаққиқони русу тоҷик доир ба хусусиятҳои жанрии он таҳлил ва арзёбӣ шудааст. Дар заминаи таҳлили қиёсӣ муайян гардидааст, ки мақола ба шеваи ҷадид ва сурате, ки имрӯз маъмул аст, собиқаи чандоне надошта, пайдоиши он ба фаъолияти аввалин рӯзномаи тоҷикии "Бухорои шариф" вобаста мебошад. Ҷараёни минбаъдаи ташаккул ва таҳаввули мақола, хусусиятҳои мундариҷавию сохтории он дар заминаи маводи баъзе рӯзномаҳои замони шӯравӣ таҳлил ва арзёбӣ шуда, истифодаи огоҳонаи муаллифон аз имкониятҳои ин жанри публитсистӣ бо мисолҳо нишон дода шудааст. Дар шинохт ва арзёбии навъҳои мақола муаллиф хусусиятҳои мундариҷавӣ ва сохтории ин жанрро ба эътибор гирифта, дар замина се навъи мақолаи публитсистӣ- таҳқиқӣ, иҷтимоӣ ва интиқодиро эътироф кардааст ва ҳар кадомеро бо истинод ба фаъолияти баъзе нашриҳо ва рӯзноманигорони алоҳида шарҳ додааст. Дар мақола василаи асосии шинохт ва тақсимбандии жанри мақола ба навъҳо меъёрҳои усулии фарогирӣ ва тарҳи ҳунарии мавзӯву масъалаҳо шинохта шудааст. Ҳамчунин омилҳои дигар, аз ҷумла иттилои кофии муаллиф аз мавзӯъ, озодии мавқеъ, эътимод ва садоқату самимият ба ҳунар, иффат ва покизагии калом ва риояти усулу одоб ба сифати омилҳои касбии таъсиргузор дар ташаккул ва таҳаввули ин жанр арзёбӣ гардидаанд.*

***Ключевые слова:*** *статья, журналистика, тема, газета, журнал, исследователь, жанр, социальный*

*Обсуждаются формирующие элементы статьи как аналитического жанра и особенности ее содержания. Определяется ее роль и место в журналистской среде. Выделено значение термина и исторический контекст его происхождения, проанализированы и оценены взгляды российских и таджикских исследователей на ее жанровые особенности. На основе сравнительного анализа установлено, что статья имеет новый стиль и не является распространенным сегодня, но ее происхождение связано с деятельностью первой таджикской газеты «Священная Бухара». Дальнейшее развитие и изменение статьи, ее содержание и структурные особенности анализируются и оцениваются на основе материалов ряда советских газет, а использование авторами возможностей этого жанра журналистики иллюстрируется примерами. Признавая и оценивая типы статей, автор принял во внимание содержание и структурные особенности жанра и отметил три типа публицистических статей – исследовательские, социальные и критические, и каждый из них комментировал, опираясь на деятельность некоторых изданий и журналистов. Основными способами распознавания и категоризации статей по типам определены критерии методологического включения и художественного оформления тем и вопросов. Также другие*

*факторы, в том числе достаточное знание автора о теме, свобода позиции, надежность и искренность в профессии, приверженность и чистота слова, а также приверженность этике, рассматриваются как влиятельные профессиональные факторы в становлении и развитии этого жанра.*

***Key words:*** *article, journalism, topic, newspaper, magazine, researcher, genre, social*

*The article discusses in detail the forming elements of this analytical genre and the features of its content, as well as its role and place in the journalistic environment. The meaning of the term and the historical context of its origin are highlighted, the views of Russian and Tajik researchers on its genre features are analyzed and evaluated. Based on a comparative analysis, it was established that the article has a new style and is not widespread today, but its origin is connected with the activities of the first Tajik newspaper "Sacred Bukhara". The further development and change of the article, its content and structural features are analyzed and evaluated based on the materials of a number of Soviet newspapers, and the authors use the possibilities of this genre of journalism is illustrated by examples. Recognizing and evaluating types of articles, the author took into account the content and structural features of the genre and noted three types of journalistic articles - research, social and critical, and each of them commented, based on the activities of some publications and journalists. The main methods for recognizing and categorizing articles by types are criteria for methodological inclusion and decoration of topics and questions. Other factors, including the author's sufficient knowledge of the topic, freedom of position, reliability and sincerity in the profession, commitment and purity of the word, as well as commitment to ethics, are considered as influential professional factors in the formation and development of this genre.*

Мақола дар луғат ба маънии гуфтор, мабҳас, сухан, қавл ва фасле аз китоб ё рисола омада "Фарҳанги Муин" яке аз маъноҳои ин калимаро навиштае донистааст, ки дар бораи мавзӯе нависанд ва дар тавзеҳи он афзудааст: "Ғолибан навиштаест, ки барои дарҷ дар рӯзнома ва маҷалла таҳия шавад" [2,с.186].

Мақоланавизӣ ба шеваи ҷадид ва сурате, ки имрӯз маъмул аст, собиқаи чандоне надошта, пайдоиши он дар кишвари мо аз ибтидои солҳои бист фаротар намеравад.Оғози кори мақоланависиро муҳаққиқон ба табъу нашри рӯзномаҳову маҷаллаҳо вобаста донистаанд. Ҳақ ба ҷониби М. Муродов аст, ки навиштааст: "Мақола, асосан, хоси матбуот буда, беҳтарин василаи баёни фикр ва мулоҳиза аст. Аз ин рӯ, фаъолияти матбуотро бе мақола наметавон тасаввур кард" [3,с.148]. Асадуллои Саъдулло ва Пайванди Гулмурод пайдоиши мақоларо "бо нашри рӯзномаи нахустини тоҷик - "Бухорои Шариф" вобаста дониста, навишта буданд, ки "Муҳаррир ва публитсисти рӯзнома Мирзоҷалол Юсуфзода имкони ин жанрро ба ҳисоб гирифта, ҳанӯз дар сармақолаи "Ифтитоҳ" навишта буд: "Муносиби ҳоли оммаи мардум сухан гӯем, салоҳи амри умурро дар назар дошта бошем. Лиҳозо, рӯзномаи мо аввалан, ҳар чӣ мумкин бошад, ба забони порсии сода навишта мешавад. Сонияи, мақолаҳое, ки (ғайр аз ахбори олам) мехоҳем дарҷ намоем, иборат аз муқаддимаи инсоният хоҳад буд. Яъне таҳрик кардани мардум ба талаби илм ва ислоҳ намудани вазъи таълим" [5,с.13- 14].

Дар воқеъ, ин санад далели он аст, ки рӯзнома ва мақола ҳамзодоне ҳастанд, ки дар замони муайян ба вуҷуд омада ва дар бистари рӯзгор парвариш ёфтаанд, то ҷое ки бо шунидани калимаи мақола лафзи рӯзнома ё маҷалла фавран дар зеҳн пайдо мешавад. Ба назар чунин менамояд, ки гӯйи ин ду бо ҳам пайванди табиӣ, доимӣ ва ногусастанӣ доранд.

Дар бисёре аз кишварҳо оғози кори мақоланависӣ ба сабки имрӯзӣ ба аввали садаи XVII мелодӣ, ки нахустин нашрияҳои давраии кишварҳои аврупоӣ интишор ёфт, рост меояд. Дар оғози ин давра мақоланависӣ чандон равнақе надошта ва он чи ба риштаи таҳрир дар меомад, забони таблиғотии ҳукуматҳои худкомаи вақт будааст. Аммо дар марҳилаи дуюм, ки асри матбуоти ақидавӣ ва сиёсист, дурахшонтарин даврони нигориши мақолаҳои тунд ва оташин аз тарафи рӯзноманигорон ба шумор меояд. Дар ҳамин давра матбуот бо баҳрагирӣ аз озодии баён ҳимоятгари демократия ва озодӣ муаррифӣ шуд, то ҷое, ки Эдмунд Берк- файласуф ва сиёсатмадори Инглистон рӯзноманигоронро мухотаб қарор дод ва гуфт: "Оқоён, шумо рукни чаҳоруми демукросӣ ҳастед" [7,с.176].

Зери таъсири ҳамин раванд, дар марҳилаи тақдирсоз, ки барои тоҷикон аз даҳаи аввали асри бист оғоз мешавад, ходимони рӯзномаи "Бухорои шариф" ба кори судманд ва муассир оғоз ниҳоданд, ки мақоланависӣ ҷузъи фаъолияти онҳо буд. Дар аввалин мақолаҳои дар ин рӯзнома чопшуда, кӯшиши пайгирона ва мудаввом барои дифоъ аз ҳаққу адолати иҷтимоӣ равшан ба мушоҳида мерасад. Бахусус беадолатиҳое, ки дар муҳити иҷтимоии аморати Бухоро ҷараён

дошт ва хоб аз дидагони мардум рабуда буд, қаламбадастони мутааҳид ва дилсӯзу ёригарони мардуми мазлумро вомедошт, ки бо нигориши мақолаҳои тунд ва интишори онҳо дардҳои мардумро ба гӯши масъулони амр бирасонанд. Муаллифони ин гуна мақолаҳо бори сангини сахтиҳо ва ранҷҳои дармондагон ва бечорагонро бар дӯш гирифта, бо умед додан ба дили афсурдаи мардум бар захмҳояшон марҳам мениҳоданд ва дар ҳама авзоъ ва аҳвол бозгӯ кардани дарду ранҷҳои мардумро ҷузъи асоситарини масъулияти ҳунарии хеш меҳисобиданд.

Дар ҳар сурат, чунон ки гуфта шуд, "Фарҳанги форсӣ"-и Муин мақоларо навиштае донистааст, ки барои дарҷ дар рӯзнома ё маҷалла таҳия шавад. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки агарчи ҷойи дарҷи мақолаҳо аксаран рӯзномаҳову маҷаллаҳост, вале мундариҷа ва матолиби онҳоро фақат мақола ташкил намедиҳад. Балки дар ин гуна нашриёҳо навиштаҳои дигаре, аз қабили хабар, гузориш, мухбирнома ва ғайра низ таҳия ва чоп мешаванд, ки наметавон онҳоро мақола номид. Маъмулан навиштаҳоеро метавон мақола унвон кард, ки ҳадафи он баррасии яке аз масоили илмӣ, адабӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ҷуз онҳо бошад ва тавонад бо пажуҳиши дақиқ мавзӯъ ва масъалаеро ба исбот расонад ё онро инкор кунад. Аз ин мавқеъ андешаҳои муҳаққиқон оид ба хусусиятҳои жанрӣ ва намудҳои жанри мақола гуногун аст.

Муҳаққиқи рус А. А. Тертичний дар такя ба маънии васеи луғавии ин вожа "ҳама гуна маводи нашршуда...матни пурраи шумораи рӯзнома"-ро мақола унвон карда, сипас менависад: "Вале ҳангоме ки сухан билкул дар бораи жанри муайяни "мақола" меравад (ба маънои маҳдуди ин калима), он вақт зери ин мафҳум маводи интишорёфтае фаҳмида мешавад, ки вазъиятҳои гуногун, ҷараёнҳо ва ҳодисаҳоеро таҳлил кардаанд, ки асоси онро алоқамандии қонунӣ бо мақсади муайян кардани аҳамияти сиёсиву иқтисодӣ ё масъалаи муҳими дигаре ташкил медиҳад". Ин муҳаққиқ дар заминаи ин андеша ба хулоса меояд, ки "Мақоларо метавон ба таври амиқтар ҳамчун жанре шинохт, ки пеш аз ҳама, барои таҳлили ҳаводиси муҳимми ҷамъиятӣ, вазъиятҳо, ҳодисаҳо ва қонуниятҳои онҳоро идоракунанда ихтисос ёфтааст". А. А. Тертичний мақоларо ба навъҳои умумитадқиқотӣ, таҷрибавии таҳлилӣ ва мубоҳисавӣ дастабандӣ кардааст [6,с.149-171]. В. В. Ворошилов мақоларо "жанри муҳими таҳлилӣ" шинохта, имконоти онро дар таҳлили мушкилоти воқеияти иҷтимоӣ муҳим арзёбӣ мекунад ва навъҳои мақолаи проблемавию публитсистиро ташхис медиҳад [1,с.225-226].

Муҳаққиқони тоҷик дар шинохт ва арзёбии жанри мақола, хусусиятҳо ва навъҳои он асосан ба андешаҳои донишмандони рус пайравӣ кардаанд. Аз ҷумла, А. Саъдулло ва П. Гулмурод мақоларо жанри таҳлилӣ шинохта, хусусияти асосии онро дар ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор додани "проблемаҳои ҳаётӣ" донистаанд. Ин муҳаққиқон дар заминаи андешаи донишманди рус М. С. Черепахов мақоларо "яке аз жанрҳои муҳими публитсистӣ"-е донистаанд, ки "бо гузориши проблемаҳои ҳалталаб ва хулосаҳои назаррас аз дигар жанрҳо фарқ мекунад" [5,с.15]. Донишмандони дигар, аз ҷумла А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов ва П. Гулмуродов мақоларо жанри таҳлилӣ дониста, "таҳқиқи чуқури ҳаёт, таҳлили ҳаматарафаи факт"-ро талаботи асосии он таъбир кардаанд ва сармақола, мақолаи назариявӣ, мақолаи проблемавӣ ва қайдҳои публитсист ва ташреҳи публитсистиро аз навъҳои он шинохтаанд[4,с.82-88]. М. Муродов мақоларо аз жанрҳои асосии журналистикаи таҳлилӣ ба шумор оварда, меафзояд, ки ин жанр "барои таҳлили воқеа, зуҳурот ва ҷараёни муҳиму мухталифи иҷтимоӣ истифода мешавад". Ӯ дар заминаи хостҳои назарии журналистикаи шӯравӣ навъҳои сармақола, мақолаи назариявӣ, мақолаи проблемавӣ ва қайдҳои публитсистиро зикр карда, "вобаста ба хусусияти матнҳои матбуоти даврии муосир" навъҳои зерини мақоларо ташхис додааст: сармақола, мақолаи умумитаҳқиқӣ, мақолаи амалӣ-таҳлилӣ ва мақолаи мубоҳисавӣ [3,с.148-153].

Аз қазоватҳои боло бармеояд, ки дар бораи мақола ва навъҳои он назари ягона ва ҷомеъ вуҷуд надорад. Аксари муҳаққиқон аз шинохти хусусиятҳои бунёдӣ ва аносири шаклсози ин жанр сарфи назар карда, бештар пойбанди намуди зоҳирии он шудаанд. Худи тарзи номгузориҳо низ таваҷҷуҳи зоҳирӣ ва идеологиро, ки хоси замони шӯравӣ буду ҳанӯз ҳам таъсиргузор аст, дар шинохти ин жанр ва аносири шаклсози он нишон медиҳад.

Мақолаҳо анвои густурда ва гуногуне аз навиштаҳоро дар бар мегиранд ва ҳар кадоме аз масъалаҳое, ки инсон дар зиндагонии фардӣ ва иҷтимоӣ бо он рӯ ба рӯ мешавад, метавонад мавзӯи мақолаҳои бешуморе бошад, аммо вақте ба масъала ба таври куллӣ менигарем, ба андешаи мо, метавон мақоларо ба се дастаи нисбатан мушаххас – таҳқиқӣ, иҷтимоӣ ва

интиқодӣ тақсим кард. Дар ин тақсимбандӣ мо унсурҳои мундариҷавӣ ва сохтории мақоларо меъёри шинохт қарор додем, ки поёнтар муфассал баррасӣ хоҳад шуд.

Албатта, ҳама навъҳои мақолаҳо бар пояи таҳқиқ ва баррасӣ устувор аст. Вале мо ҳамон навъи мақолаҳоро таҳқиқӣ меномем, ки сирфан пас аз таҳқиқ ва арзёбии ҳамаҷониба ба шеваи илмӣ таҳия гардида ва дар он охирин натиҷаҳои ба даст омадаи як пажӯҳиши мушаххас мавриди баҳс қарор гирифта бошад. Ҳар вақте табиб, гиёҳшинос, адиб, муаррих ё ашхоси дигаре, ки дар яке аз соҳаҳои илму фан тахассуси комил дорад, ба мавзӯъ ва кашфиёти тозае вохӯрад, ки сазовори таблиғу ташвиқ дар доираҳои илмӣ, адабӣ ва ғайра бошад, даст ба таҳқиқ мезанад ва натиҷаи ҷустуҷӯҳои худро дар шакли мақола нашр мекунад то мавриди истифодаи хосу ом қарор гирад.

Чунин мақолаҳо ҳамон вақт дар муҳити фарҳангӣ нуфуз пайдо мекунанд, ки аз тарафи шахсияти огоҳ эҷод шуда бошанд. Агар муаллиф доир ба мавзӯе, ки мақола менависад, иттилооти дақиқ ва салоҳияти комил надошта бошад, дар замина муваффақ нахоҳад шуд. Дар эҷоди ин гуна мақола муаллиф бояд усули лозим дар таҳқиқро комилан риоят карда, ба масъалаҳое аз қабили ёфтани нуктаҳое муҳим дар мавзӯъ таваҷҷуҳ дошта бошад ва матлабро бо далелу ҳуҷҷатҳои мантиқӣ инъикос карда, аз такя ба ҳадсу гумон дурӣ ҷӯяд. Танҳо бо ҳамин усул муаллиф метавонад аз пажӯҳиш ва эҷоди мақола натиҷаи судманд ба даст орад, ки ҳам ба манфиати ӯ ва ҳам ҷомеа аст.

Дар замина таърихи рӯзноманигории тоҷик таҷрибаи қобили мулоҳиза дорад. Аввалин мақолаҳое, ки рӯзномаи "Бухорои шариф" чоп карда буд, гувоҳи касбияти дастандаркорони ин нашрия дар шинохт ва корбурди ин жанр мебошад. Мақолаи аввалини ин нашрия, ки "Чӣ бояд кард?" унвон дорад, ба қалами нахустмуҳаррири рӯзнома Мирзоҷалол Юсуфзода мансуб буда, ҷумлаи пурсишӣ дар сарлавҳаи мақола мавзӯи мавриди назари муаллифро мушаххас месозад. Муаллиф бо таҳқиқи огоҳона хонандаро аз вазъи Бухорои он рӯзгор огоҳ сохта, аз ҷумла менависад: "Мо ба ҳама мӯҳтоҷ шудаем. Ба илму одоб ва тиҷорату саноеъ ва ҳирфату ҷамеи лавозими башарият. Агар мӯҳтоҷ ба як чиз будем, метавонистем роҳи ҳоҷати худро пайдо намуда, дунболи таҳсили моютоҷ (чизҳои даркорӣ) биравем. Ҳоло ки ба ҳама чиз мӯҳтоҷем, пас чӣ бояд кард?..."[5,с.17].

Ин мақола гувоҳӣ медиҳад, ки нахуст муаллиф аз мавзӯи мавриди баҳсаш иттилооти кофӣ дошта, бо тасаллути комил ба масъала матлабро навиштааст то аз навиштаи ӯ натиҷаи матлуб ба даст ояд. Дуюм ин ки муаллиф дар эҷоди мақола эҳсоси озодӣ дорад. Бинобар ин тавонистааст, ки эҳсоси озодӣ кунад то битавонад бо итминон ва бидуни ташвиши хотир масъаларо мавриди баҳс ва баррасӣ қарор диҳад. Сеюм ин ки муаллиф ба он чӣ навиштааст, эътимоди комил доштааст ва табиист, ки матлабро бо садоқат ва самимият мавриди баҳс қарор медиҳад то сухани аздилберуномадаи ӯ ниҳояти кор бар дили хонанда нишинад. Ниҳоят, муаллиф иффат ва покизагии каломро ҳифз карда, по аз доираи усул ва одобу ахлоқ берун намениҳад ва дар мақола аз калимоти сусту ношоист ва дур аз адаб истифода намекунад. Носазогӯйӣ ва тавҳин ба дигаронро раво намебинад. Аз ғаразварзӣ нисбати шахсиятҳо ё гурӯҳҳи хосе даст бар дошта, аз оғоз то анҷоми мақола ҳамвора инсоф ва муруввatro дар мадди назар доштааст. Бо суолҳое монанди "Нохуш будани худро аз куҷо донем?" таваҷҷуҳи хонандаро ба муҳимтарин масъалаҳои ҷомеа ҷалб карда, ба ин васила салоҳияти касбии худро дар эҷоди мақола собит месозад, ки ибратомӯз аст.

Баъди гузашти солҳои тӯлонӣ ва дар давраи ташаккули матбуоти тоҷик Ҳилолиён Аскар низ дар эҷоди мақола ҳамин гуна мавқеияти касбӣ ишғол мекунад. Вай дар як мақолаи таҳқиқии хеш, ба василаи таҷзияву таҳлил ва тавҷеҳу тафсир масъалаи муҳими ҳаёти ҷомеа – истеҳсоли нони босифатро арзёбӣ мекунад ва роҳи наҷотро аз бадкориҳо дар ин соҳа ба хонанда менамояд, ки низ таҷрибаи судманди рӯзноманигорӣ аст.

Навъи дигар мақолаи иҷтимоӣ буда, чунон ки аз номаш пайдост, дар бораи мавзӯъҳое аз қабли омӯзишу парвариш, корҳои тарбиявӣ, масъалаҳои ахлоқӣ ва монанди инҳо, ки бо ҳаёти ҷомеа алоқаи бевосита доранд, нигориш меёбад. Чун мо дар ҷомеа кору зиндагӣ мекунем, ба ночор бо бисёре аз мушкилоти иҷтимоӣ дар бархӯрд ҳастем ва ҳамин бархӯрд ҳамвора андеша ва зеҳни моро ба худ машғул медорад. Аз он ҷое, ки ҳар кас ба тақозои навъи тарбият, вазъи хонавода, шуғл, дараҷаи маълумот ва омилҳои дигар, аз дидгоҳи хоси худ ба масъалаҳои иҷтимоӣ менигарад, бинобар ин мумкин аст як амри иҷтимоӣ дар назари нафаре судманд ва мавриди қабул қарор гирад ва дар назари шахси дигар зиёновар ва номуносиб намояд. Аз ин ҷост, ки дар бисёре аз масъалаҳои иҷтимоӣ зиддияти андеша пеш меояд ва ҳар гурӯҳе, ки

тарафдори назарияи муайяне аст, кӯшиш мекунад моҳияти андеша ва бардошти худро дар он маврид бо ироаи далелҳо ва овардаи шавоҳид ба гурӯҳи дигар фаҳмонад ва ба назари худ имтиёз диҳад.

Дар ин гуна мақолаҳо вазъи умумии мардум, робитаҳои онон бо якдигар, мушкилоти зиндагӣ, ноҳамвориҳои иҷтимоӣ, тазодҳо, бедодгариҳо, табъизҳо ва матолибе монанди ин мавриди баҳси муаллифон қарор мегирад ва онҳоро во медорад, ки ба таҷзия ва таҳлили чунин масъалаҳо пардозанд ва андешаҳои худро барои афроди ҷомеа иброз доранд. Дар мақолаҳои иҷтимоӣ, агар мақола алоқаманд ба мавзӯъҳои илмӣ ё ҳаёти ҷомеа бошад, аз равиши мушоҳида ва таҷриба истифода мекунад ва агар бо мавзӯъҳои адабӣ ва таърихӣ пайванд хӯрад, аз мутолиа баҳра мегиранд.

Мақолаҳои иҷтимоӣ гоҳо аз интиқод низ кор мегиранд, зеро вақте муаллифе аз фазилатҳо сухан мегӯяд, ба зикри фасоди ахлоқӣ ва разолатҳо низ мепардозад. Дар ин ҳол барои раҳнамоии ҷомеа сӯйи пешрафт ва такомул аз қалами худ мадад мегирад, дардҳо ва нуқтаҳои заъфро низ нишон медиҳад. Замоне, ки усул ва равишҳои дурустро мавриди эътимод медонад, хоҳ нохоҳ аз шеваҳои носавоб ҳам сухан мегӯяд ва ниҳоят дар бисёре аз масъалаҳои ахлоқӣ ва русуму одатҳои ғалати иҷтимоӣ танқид мекунад ва афроди ҷомеаро аз корҳои дуруст ва нодуруст огоҳ месозад. Бо ин усул, дар ҳар ҳол, чароғе фаророҳи инсонҳо мегузорад то саҳеҳро аз сақим ва хубро аз бад бозшиносанд ва корҳои иҷтимоъро бо миқёсу мизоне дуруст андоза гиранд.

Як мурури кӯтоҳе ба саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллоте, ки солҳои бистуми садаи гузашта нашр шудаанд, нишон медиҳад ин нашрияҳо ба чопи мақолаи иҷтимоӣ таваҷҷӯҳи хос доштаанд. Масалан баъзе мақолаҳое, ки дар маҷаллаи “Оина” ва рӯзномаи “Овози тоҷик” чоп шудаанд, мақолаи иҷтимоӣ буда, дар онҳо масъалаҳои мактабу маориф, забон, вазъи фарҳангии ҷомеа ва ғайра баррасӣ гардидааст. Мақолаи “Моро ислоҳи мадорис ва макотиб лозим аст” ба қалами Саидризои Ализода тааллуқ дошта, муаллиф соҳиби шароит ва дорандаи хусусиёте аст, ки ба василаи он тавонистааст рисолати худро дар ҳидояти ҷомеа ба тарзи матлуб анҷом диҳад. Ӯ аз мавзӯи баҳс иттилои комил дошта, вазъи “мадорис ва макотиб” ва мушкилоти соҳаро ба қадри кофӣ медонад. Бинобар ин, бо масъулияти тамом ба хонанда муроҷиат карда, менигорад: “Ҳамаи ин бадбахтиҳо ва разолат, аз ҷумлаи ин харобиҳо ва сафолат, ки мо туркистониёнро фаро гирифтааст, аз адами мадориси муназзам, фуқдони макотиби замонӣ аст. Барои арбоби басират возеҳу ошкор аст, ки ҳеҷ миллате ва ҳеҷ тоифае тараққиву пешрафт накарда ва ба соири миллатҳо бар тараққӣ ва тавфиқ наёфта магар дар сояи мадорису макотиби мунтазам...” (Ойина.-1913.-N3.-15-уми январ).

Дар мақолаи дигар, ки таҳти унвони “Дар Боғишамол масъалаи забон” бо имзои Боғишамолӣ дар рӯзномаи “Овози тоҷик” (Овози тоҷик.-1926.-21-уми май) чоп шудааст, масъалаи муҳими миллӣ - “забони расмии мактабҳои Боғишамолро аз форсӣ ба ӯзбекӣ табдил додан” баррасӣ шудааст. Мундариҷа ва сохтори мақола иҷтимоӣ будани онро собит мекунад. Дидгоҳҳои усулӣ, боварибахшӣ, далелнокӣ, қотеъияти публитсистӣ ва равшании сабки таълифу ҳисангезӣ аз ҷумлаи сифатҳои ин мақолаи иҷтимоӣ мебошад. Агар инҳо намебуд мақола ва масъалаи дар он ба миён гузоштташуда мавриди таваҷҷӯҳи хонандагон қарор намегирифт.

Ҳамин равиш дар таҳия ва нашри мақолаи иҷтимоӣ дар таҷрибаи матбуоти солҳои шасту баъди замони шӯравӣ низ ба мушоҳида мерасад, ки яке аз муаллифони собитқадами ин гуна мақолаҳо Ҳилолиён Аскар буд. Ин рӯзноманигор ва нависандаи дақиқназар доир ба масоили мухталифи иҷтимоӣ, илмӣ, адабӣ, ахлоқӣ ва ҷуз он қалам фарсуда, барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои мардум ба воситаи мақолаҳои иҷтимоиаш огоҳона қадам бардоштааст. Мақолаи иҷтимоии “Проблемаҳои замин, об ва ҳосил” (Тоҷикистони советӣ.-1963.-16-уми май) аз ҳамин гуна таълифоти ӯ мебошад, ки дар он муаллиф масъалаи муҳими иҷтимоӣ - исрофи об, обёрии заминҳои лалмӣ ва суду зиёни ин соҳаро бо камоли диққат таҳқиқ ва арзёбӣ намудааст. Мақолаҳои дигари ӯ, аз ҷумла “Сохтакорӣ дар сохтмон” (Тоҷикистони советӣ.-1987.-4-уми феврал), “Муҳаббати касбу кор” (Ҳақиқати Ленинобод.-1952.-29-уми январ), “Орзу ҷомаи амал мепӯшад” (Тоҷикистони советӣ.-1960.-19-уми май) ва ғайра мақолаҳои иҷтимоӣ буда, дар онҳо масъалаҳои муҳими хоҷагии халқ таҳлил ва арзёбӣ шудаанд.

Дигар навъи мақола, ки дар боло зикр кардем, мақолаи интиқодӣ мебошад. Ин гуна мақолаҳо аксаран бо интиқод сари кор доранд, зеро вақте рӯзноманигор аз фазилатҳо сухан мегӯяд, ба зикри фасоди ахлоқӣ, разолатҳо ва камбудиҳои ҳаёти ҷомеа низ мепардозад.

Вазъиятҳои баамаломада рӯзноманигорро во медорад, ки аз шеваҳои носавоб низ сухан ба миён оварад ва доир ба масоили ахлоқӣ, равишҳои номуназзами роҳбарӣ, масъулиятношиносии роҳбарон ва ғайра андешаҳои танқидиашро баён кунад. Мақолаи интиқодиро метавон пажӯҳише дар авзои нобасомони ҷомеа ва амалу кирдори носавоби инсонҳои алоҳида унвон кард, ки хусусияти огоҳкунанда ва раҳнамоӣ низ дорад.

Солҳои бистуми садаи гузашта ва баъди он, ки фаъолияти рӯзномаву маҷаллаҳо бештар баҳри ислоҳи нобасомониҳои муҳити ҷомеа нигаронида шуда буд, мақолаи интиқодӣ дар саҳифаҳои нашрияҳо ҷойгоҳи хос дошт. Дар ин равиш бахусус иқдоми маҷаллаи “Шуълаи инқилоб” ва рӯзномаи “Овози тоҷик” ҷолиби диққат аст. Бештарини мақолаҳои интиқодие, ки дар маҷаллаи “Шуълаи инқилоб” чоп шудаанд, ба қалами Сайидризои Ализода мансуб буданд. Сайидризои Ализодаро, ки “яке аз аввалин фидоиёни матбуоти тоҷик, ошиқи дилбохтаи забон, матбуот ва адабиёти тоҷик” (Раҳим Ҳошим) буд, вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи тоҷикони солҳои 20-30 асри гузашта, беадолатиҳои замон ва замондорон сахт ба ташвиш оварда буд. Силсилаи мақолаҳои интиқодӣ ва ислоҳотхоҳонаи ӯ дар бораи забон, мактабу маориф ва вазъи нобасомони иҷтимоиву фарҳангии ҷомеаи он рӯзаи тоҷикон маҳсули андешаҳои созандаи онзамонии ӯянд, ки бо гузашти замон арзишашон ҳанӯз ҳам барҷост. Мақолаҳои интиқодии С. Ализода аввалан бо хусусияти фарогирии мавзӯъ, дувум бо нишонгирии мушаххас, савум миқёси муайяни нитиҷагириҳо ва ниҳоят бо хусусияти корбурди воситаҳои сабксоз ва усули инъикоси воқеият тафовут доранд. Дар ин замина метавон аз силсилаи мақолаҳои интиқодии ӯ “Тозиёна” (Шуълаи инқилоб.-1919.N21.-25-уми сентябр; 1919.-N22.-16-уми октябр; 1920.-N 34.-21-уми март), “Як сӯйиқасди ғаразкорона ба маҷаллаи мо” (Шуълаи инқилоб.-1919.-N 2.-17-уми апрел), “Талабаҳои курси муаллимин бихонанд” (Шуълаи инқилоб.-1919.-N 11.-26-уми июн), ки дар маҷаллаи “Шуълаи инқилоб” чоп шудаанд, ёд кард.

Мақолаҳои зикршуда ба талаботи мундариҷавӣ ва сохтории жанри мақолаи интиқодӣ ҷавобгӯ буда, пеш аз ҳама, мушкилоти мактабу маориф, фасоди идорӣ, вазъи забони тоҷикию форсӣ, матбуот ва ғайраро ба миён гузоштаанд. Масалан муаллиф дар силсиламақолаҳои истеҳзоомези “Тозиёна” ривоҷи фасоди ахлоқиро дар ҷомеаи онрӯза зери танқид гирифта, омилҳои аслии ин ҳодисаи зиёнборро ба таври мушаххас шиносоӣ кардааст. Дар мақолаи “Як сӯйиқасди ғаразкорона ба маҷаллаи мо” масъалаи ҳифзи ягона нашрияи тоҷикии он солҳо “Шуълаи инқилоб” ба миён гузошта шуда, сабабҳои ин раванди вайронгар зери танқид гирифта шудаанд. Аз ҷумла муаллиф менигорад, ки “Ин ҷанобон ба баҳонаи ин ки забони расмии Туркистон туркист, розӣ нашудаанд, ки дар ҳамаи Туркистон ақаллан як ҷаридаи форсӣ вуҷуд дошта бошад. Дар сурате, ки дар ин мамлакат як ҷамоаи фрсизабоне ҳам ҳаст, ки ҳама ба матбуоти форсӣ эҳтиёҷманд мебошанд ва аз матбуоти туркӣ истифода карда наметавонанд. Дар сурате, ки ба ҷуз матбуоти мутааддидаи туркӣ ва русӣ барои як мушт австрогиёҳо, маҷорҳо, полякҳо ва украинҳо ба забони миллии худашон рӯзномаҳои ҷудогона интишор меёбанд ва ба яҳуду арманиҳо ихтиёри нашри ҷаридаи миллӣ дода шуда...” Ҳадафи аслии С. Ализода аз эҷоди ин гуна мақолаҳои интиқодӣ, пеш аз ҳама, воқеиятро нишон додан ва ислоҳи вазъи нобасомони ҷомеа буд.

Солҳои шастум ва ҳаштодуми садаи бист давраи авҷи интишори мақолаҳои интиқодӣ дар рӯзномаҳову маҷаллоти Тоҷикистон буд, ки саҳми рӯзноманигор ва адиби публитсист Ҳилолиён Аскар дар ин раванд чашмгир аст. Махсусан мақолаҳои интиқодии ӯ “Гирдоб” (Тоҷикистони советӣ.-1969.-13-уми апрел),“Сохтакорӣ” (Тоҷикистони советӣ.-1987.-4-уми январ), “То ба кай аз паси кӯҳна гардем?” (Тоҷикистони советӣ”.-1987.-3-уми март), “Захираҳоро бояд истифода бурд” (Тоҷикистони советӣ.-1985.-20-уми феврал) ва ғайра мушкилоти ҳаёти ҷомеаро, ки марбут ба соҳаҳои иқтисод ва ахлоқу маънавиёти ҷомеа будаанд ба миён гузошта, роҳи ҳалли онро низ нишон додаанд.

Ҳамин тариқ, дар хотима доир ба мундариҷа ва сохтори мақола метавон гуфт, ки он ҳамон сифатҳои заруриеро, ки барои ин жанри рӯзномавӣ муҳим аст, бояд дошта бошад. Ба ифодаи дигар, қотеият, ҳадафмандӣ, масъалагузорӣ, забони возеҳу воқеагаро аз бартариҳои ин жанр буда, агар чунин набошад, он беарзиш, дилбазан ва беэътибор хоҳад буд.

## ПАЙНАВИШТ:

1. Ворошилов, В. В. Журналистика. Базовый курс. Учебник. 5-е издание/ В. В. Ворошилов.- СПб.: Изд-во Михайлова В. А., 2006.- 640 с.
2. Муин, М.Фарҳанги форсӣ / Муҳаммад Муин.- Теҳрон: Амири Кабир. Чопи савум,1357.-768 с.

3. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ (Китоби дарсӣ)/ М. Муродов.- Душанбе: Ирфон, 2014.- 256 с.
4. Нуралиев, А.А.Журналистикаи советии тоҷик /А, Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов.- Душанбе: "Ирфон",1989.- 176 с.
5. Саъдулло, А.Жанрҳои таҳлилии матбуот / Асадуллои Саъдулло, Пайванди Гулмурод.- Душанбе, 1994.- 60 с.
6. Тертичний, А. А. Жанры периодической печати: Учеб. пособие для студентов вузов / А. А. Тертичний.- 3-е изд. испр. и доп.-М.: Аспект Пресс, 2006.- 320 с.
7. Ҳусайн Имоди Афшор. Мақоланависӣ / Ҳусайн Имоди Афшор // Рӯзноманигории ҳирфаӣ (Маҷмӯайи мақолот). Ба эҳтимоми Фарид Қосимӣ.- Теҳрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, маркази матбуот ва таҳқиқоти расонаҳо, 1378.- С. 174-181.
8. Ҳилолиён, А.Комёбӣ аз мо, камбудӣ аз кӣ?- Тоҷикистони советӣ.- 1977.- 31 март

## REFERENCES:

1.Voroshilov, V.V. Journalism. Basic course. Textbook. 5th edition / V. V. Voroshilov. - St. Petersburg: Publishing House of V. A. Mikhailov, 2006. - 640 p.
2. Muin, M. Persian dictionary / Mohammad Muin.- Tehran: Amir Kabir. Third edition, 1357.- 768 p.
3. Muradov, M. Fundamentals of journalistic writing (textbook)/ M. Muradov.- Dushanbe: Irfan, 2014.- 256 p.
4. Nuraliyev,A.A.Tajik Soviet Journalism/A, Nuraliyev,A.Sadulloev,I.Usmanov,U.Gulmuradov.- Dushanbe:Irfan,1989.-176 p.
5. Sadullo,A.Analytical genres of the press/Asadulloi Sadullo,Paivandi Gulmurad.-Dushanbe,1994.-60 p.
6. Tertichny, A. A. Genre of periodical press: Textbook. manual for university students/A.A. Tertichniy.-3rd edition, correction and additional. -M.: Aspect Press, 2006.- 320 p.
7. Hossein Imadi Afshor. Writing an article/Husayn Imadi Afshor//Professional journalism (Collection of articles). Courtesy of Farid Qasimi.- Tehran: Ministry of Culture and Islamic Guidance, Press and Media Research Center, 1378.- S.174-181.
8. Hilaliyon A.Success from us, failure from whom?- Soviet Tajikistan.- 1977.-March 31